9999/5.1 аз 10.10.2014

Мақомоти
ҳудудии андоз

***«Оид ба тартиби бекор кардани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан»***

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2013 №323 «Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақамҳои мушаххаси андозсупорандагон, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан» тасдиқ карда шудааст.

Бинобар ба анҷом расидани фаъолияти воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ аксарияти андозсупорандагон барои бекор намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштани воҳидҳои алоҳидаи худ муроҷиат намуда истодаанд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи талаботи қисми 51 «Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақамҳои мушаххаси андозсупорандагон, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан», рамзҳои сабабҳои баҳисобгирӣ ба андозсупорандагон дода шуда, дар асоси муроҷиати хаттии андозсупоранда бо пешниҳоди ариза бекор карда мешаванд.

Бо назардошти ин, ҷиҳати назорати минбаъдаи фаъолияти андозсупорандагон аз ҷумла воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ, бекор кардани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан, тибқи тартиби зерин амалӣ карда мешавад:

- пешниҳоди аризаи андозсупоранда ба мақомоти андоз оиди бекор кардани рамзи сабабҳои ба ҳисоб гузоштани воҳиди алоҳида, қарори воҳиди асосии корхона дар хусуси барҳам додани воҳиди алоҳида ва нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи бегонакунии объектҳои андозбандӣ ва ё объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд;
- тартиб додани санади муқоисавӣ оид ба таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ бо воҳиди алоҳидае ки фаъолияти он қатъ карда мешавад;
- чоп намудани ҳисобварақаҳои воҳиди алоҳида аз руи ҳар як намуди андоз барои тамоми давраи фаъолияти воҳиди алоҳида ва тасдиқ намудани онҳо бо муҳру имзои сардори Нозироти андоз;

- ба мақомоти андоз баргардонидани нусхаи аслии тасдиқнома оид ба рамзи сабабҳои баҳисоб гузоштани воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ.

Баъд аз анҷом додани тартиби мазкур, аз ҷониби Нозироти андози маҳалли қайди воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ як нусхаи ҳуҷҷатҳои номбурда ва маълумотномаи Нозироти андоз оиди ба пуррагӣ иҷро намудани уҳдадориҳои андозӣ аз ҷониби воҳиди алоҳидаи барҳам додашаванда, ҷиҳати бекор кардани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан ба Кумитаи андоз пешниҳод карда мешаванд.

Дар сурати ба талаботи тартиби мазкур ҷавобгӯ будани ҳуҷҷатҳои пешниҳод гардида, Кумитаи андоз рамзи сабабҳои ба ҳисоб гузоштани воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқиро бекор намуда, ба мақомоти андоз маълумот медиҳад.

Замима: Шакли ариза дар хусуси аз қайд баровардани воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ ва бекор кардани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан дар ҳаҷми ____ варақ.

Раис Н. Давлатзода